# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна “Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи шаҳри Душанбе (1942- 2021)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) пешиҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар як давраи ҳассоси таърихӣ, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Тоҷикистон корхонаи истеҳсоли семент ба истифода дода мешавад ва нахустин заводи сементбарории Тоҷикистон дар ҳаёти ҷумҳурӣ як дастоварди ғайриинтизор маҳсуб меёфт. Минбаъд бо рушди устувори саноати семент дар ҷумҳурӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ иншоотҳои азим НОБҳои Норак, Сарбанд, Бойғозӣ, Кайроқум, Рогӯн, Сангтуда, заводи алюминии тоҷик ва даҳҳо заводу фабрика, инфрасохтори манзилӣ-маъмурӣ бунёд гардиданд, ки онҳо дар рушди индустрикунонӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ нақши калон доранд.

Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна маълумоти олиро соли 2011 зимни таҳсил дар факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи “Таърих” ба даст овардааст. Соли 2019 зинаи таҳсилоти магистратураи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ-ро аз рӯйи ихтисоси “Ҳуқуқи байналмилалӣ“ хатм кардааст. Номбурда соли 2019 ба зинаи доктори фалсафа (PhD)-и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ-ро соли 2022 аз рӯйи ихтисоси “Таърихи ватанӣ“ хатм намудааст.

Дар боби якуми диссертатсия “Фаъолияти заводи сементбарорӣ дар даврони Шуравӣ (1942-1990)” заминаҳои таърихӣ ва табиии ба вуҷуд омадани корхонаи семент дар ш.Душанбе, эҳтиёҷоти мамлакат ба ин маҳсулоти сохтмон, зарурати бунёди заводи семент дар Тоҷикистон дар солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар таъмини корхонаҳои саноати сохтмон ва таъмини фронт бо истеҳсоли маҳсулоти ин заводу фабрикаҳо, рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ ва аҳамияти он дар пешрафти соҳаи сохтмон ва саноат, таъмин намудани муҳимтарин иншоотҳои ҷумҳурӣ, аз қабили нерӯгоҳҳои барқи обии Норак, Роғун, Бойғозӣ, Сангтӯда, роҳҳои нақлиёт, қатора ва дигар корхонаю иншоотҳои истиқоматӣ ва маишӣ маҳз бо маҳсулоти заводи сементи шаҳри Душанбе таҳлил шудааст. Дар ин боб масъалаи омода намудани кадрҳо, таъмини корхонаи истеҳсоли семент бо қувваи корӣ, мутахассисони

муҳандисию техникӣ, идоракунӣ ва ғайра дар солҳои 40-уми асри XX- оғози асри XXI баррасӣ шудааст

Дар боби дуюми диссертатсия “Азнавсозии истеҳсолот дар заводи сементбарорӣ дар шароити нави иқтисодӣ (охири асри XX-аввали асри XXI)” фаъолияти корхонаи семент дар шароити нави иқтисодӣ, нақши заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншоотҳои азими Тоҷикистон ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли сементи ш.Душанбе инъикос шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Дар диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна “Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи шаҳри Душанбе (1942- 2021)” масоили заминаҳои таъсисёбӣ, рушд ва нақши корхона дар ташаккулёбии синфи коргар дар Тоҷикистон, ба ҷойи кори доимӣ таъмин гардидани ҳазорон нафар шаҳрвандон, беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии ҷомеа, рушди иқтисодиёти мамлакат ва таъмини иншооти муҳим ва хусусияти стратегидошта бо масолеҳи сохтмонӣ, пеш аз ҳама семент, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти худ муҳаққиқ ба масъалаи таҳлили мӯқоисавии таҷрибаи таърихии корхонаи истеҳсоли семент дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва замони истиқлол диққати махсус зоҳир намудааст. Муаллиф дар асоси маводҳои бойгонӣ, ҳуҷатҳо ва ҳисоботҳо хулосаҳои илмӣ-назариявии худро пешниҳод, намудааст, асоснок мебошад. Воқеан, дар баробари рушди истеҳсоли семент ва дигар масолеҳи сохтмонӣ дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфта буд.

Арзиши илмии таҳқиқоти мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола масъалаҳои азнавсозии истеҳсолот дар заводи сементбарорӣ дар шароити истиқлолияти комил дар охири асри XX- аввали асри XXI, фаъолияти корхонаи семент дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, нақши заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншоотҳои азими Тоҷикистон ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли

сементи ш.Душанбе зери таҳлил қарор гирифтааст. Яке аз дастоварди муҳаққиқ бешубҳа дар он аст, ки ҷараён ва воқеаҳо объективона, яъне мусбӣ ва манфӣ баҳогузорӣ шудааст.

Аз таҳлили таърихнигории мавзӯъ маълум мегардад, ки таърихи саноати семент, фаъолияти корхонаи сементи Душанбе дар даврони Шуравӣ ва замони истиқлол ба ҳайси як мавзуи актуалӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва мутахассисон ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Аз рӯи натиҷаи таҳлили таҳқиқоти мавзуи мазкур дараҷаи омӯзиши онро муҳаққиқ ба гуруҳҳо ҷудо намуда баҳогузорӣ намудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст фаъолияти корхона дар ду давра: даврони Шуравӣ, низоми банақшагирӣ ва замони соҳибистиқлолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бо такя ба манобеи мӯътамад, маводи бойгонӣ ва осорҳои илмӣ таҳқиқ карда шудааст. Унвонҷӯ заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи сементи Душанбе дар шароити вазнини солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро бо такя ба маводи бойгонӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омӯхта, бори нахуст сиёсати давлатии Ҳукумати Шуравиро ҶШС Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар самти ташаккул додани саноати семент баррасӣ намудааст.

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомадаро дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба ташаккули саноат, хусусан рушди саноати семент дар Тоҷикистон дар замони Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ ва махсусан аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», метавон истифода намуд. Хулосаҳои назарявии муаллиф, муқаррарот, натиҷаҳои илмӣ-назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия барои омӯзиши таърихи Тоҷикистон ва дар таърихнигории халқи тоҷик аҳамияти илмӣ-амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, Азизхонова Р.Г. аз ӯҳдаи таълифи рисолаи илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи мазкур ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 - Таърих нисбат доранд, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи “Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи шаҳри Душанбе (1942- 2021)” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:,**
**доктори илмҳои таърих,**
**сарходими илмии Шуъбаи навтарини**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ** **Абдурашитов Ф.М.**

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
кӯчаи Рудакӣ, бинои 10/1, ҳуҷраи 53
Тел.: (+992) 935 70 02 05
E-mail: fozil8204@gmail.com

*Имзои Абдурашитов Ф.М. -ро тасдиқ мекунам:*
**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г. Қ**
**«6» феврали 2025**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур
кӯчаи Рудакӣ, ҳуҷраи 50
Тел.: (+992) 988513289
E-mail: gulguncha_fayzulloeva